Эй ҷавон! ба дурустӣ ки ман туро якчанд панде биомӯзам: (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Худо туро нигоҳ дорад; (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Ӯро дар рӯ ба рӯят биёбӣ. Ҳар гоҳ чизе талаб кунӣ, аз Худо талаб кун, ҳар гоҳ ёрӣ бичӯӣ аз Худо ёрӣ бичӯ

Аз Абулаббос Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе пушти сари Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) будам, ки гуфт: "Эй ҷавон! ба дурустӣ ки ман туро якчанд панде биомӯзам: (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Худо туро нигоҳ дорад; (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Ӯро дар рӯ ба рӯят биёбӣ. Ҳар гоҳ чизе талаб кунӣ, аз Худо талаб кун, ҳар гоҳ ёрӣ бичӯӣ аз Худо ёрӣ бичӯ. Ва бидон, ки агар ҳамаи мардум ҷамъ шаванд, то туро ба чизе ёрӣ расонанд, ёрӣ расонида наметавонанд, магар ба он чизе, ки Худо бар ту навиштааст; ва агар ҳамаи мардум ҷамъ шаванд, то ба ту зарар расонанд, зараре расонида наметавонанд, магар ба он чизе, ки Худо бар ту навиштааст, қаламҳо бардошта шудаанд ва номаҳо хушк шудаанд". Ва дар ривояти ғайри Тирмизӣ чунин омадааст: "(Ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Ӯро ҳамроҳат биёбӣ; дар фаровонӣ Худоро бишинос, то Худо туро дар сахтӣ бишиносад. Ва бидон, ки он чи дар сарнавишти ту нест, ба ту нахоҳад расид; ва он чи ба ту расид, наметавонист ба ту нарасад. Ва бидон, ки нусрати Худо ҳамроҳи устуворӣ аст; ва кушоиш ҳамроҳи сахтӣ аст; ва дар ҳақиқат ҳамроҳи ҳар як душворӣ осонӣ аст".

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وغيره]

Ибн Аббос (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки вақте хурдсол буд ва ҳамроҳи Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) савор буд, он ҳазрат ба ӯ гуфтанд: "Ман ба ту чанд чизро меомӯзонам, ки Худо туро ба онҳо баҳраманд мекунад": Худовандро бо риояи фармудаҳо ва дурӣ аз манъкардаҳояш бо худ бидон, ба гунае, ки Ӯ Таъоло туро дар тоату ибодат ба Худ бинад, на дар гуноҳон ва нофармонӣ. Агар ин гуна амал кардӣ, Ӯ Таъоло туро аз балоҳои дунё ва охират дар паноҳаш нигоҳ медорад ва ҳарҷо ки бошӣ Худо ба ту нусрат медиҳад. Агар чизе мехоҳӣ фақат аз Худо бихоҳ, зеро танҳо Ӯ Таъолост, ки ба суолкунандагон посух мегӯяд. Агар ёрӣ мехоҳӣ фақат аз Худо бихоҳ. Ба яқин бидон, ки агар аҳли замин ҳама ҷамъ оянд, то барои ту манфиат бахшанд, суде ба ту нахоҳад расид, магар он чи Худованд навишта аст ва агар аҳли замин ҳама ҷамъ оянд, ки то ба ту зиёне расонанд, зиёне ба ту нахоҳад расид, магар он чи Худованд бароят муқаддар сохта аст. Худованд ин корро навиштааст ва бар асоси илм

ва ҳикмати Ӯ Таъоло муқаддар сохта шудааст ва он чи Худованд навишта аст, тағйире надорад. Ва ҳар касе Худоро бо итоат аз фармонҳояш ва дурӣ аз манҳиёташ ҳифз мекунад, пас Худованд низ пешорӯйи банда аст, аз ҳоли ӯ огоҳ аст ва ӯро ҳифз мекунад ва ёрӣ медиҳад. Агар банда дар замони осудагӣ ва неъмат итоати Худоро кунад, Худо дар замони сахтӣ ва тангӣ барояш наҷот ва роҳе барои баромадан медиҳад. Бояд ҳар як банда аз тақдири Худо, хоҳ хайр бошад, хоҳ шар, розӣ бошад. Ва дар вақти сахтӣ ва мусибат сабр намояд, зеро сабр калиди наҷот аст. Ҳар гоҳ тангдилӣ ва бенавоӣ зиёд шавад, пас бидонад, ки наҷот ва кушоиш аз ҷониби Худованд наздик аст. Ва ҳар гоҳ душворӣ ва сахтӣ пеш ояд, ҳатман Худованд ба дунболи он осониро хоҳад фиристод.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/66522